Нусха
аз қарори № 2-и ҷаласаи кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 22.02.2022 ш. Кӯлоб

Иштирок доштанд: 12 нафар устодони кафедра, ки аз онҳо 3 нафарашон номзадҳои илм мебошанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи кафедра гузаронида шавад.

РӮЗНОМА:

1. Баррасии диссертатсияи **Сафарзода Манучеҳри Наҷот дар мавзуи «Телевизион – омили ҳамгироии ҷамъиятӣ-сиёсӣ (дар мисоли телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ).

ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси ҷаласа, мудири кафедраи журналистика Алишери Абдулмаҷид дар бораи баррасии диссертатсияи Сафарзода М.Н. шунида шуд. Иттилоъ дода шуд, ки ҳуҷҷатҳои довталаби дараҷаи илмӣ ва тақризи аз ҷониби мушовири илмӣ пешниҳодшуда ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маърӯза намуд. Баъд аз баромади муаллифи диссертатсия саволу ҷавоб сурат гирифт. Сафарзода М.Н. ба саволҳои дотсентон Худойдодова Ш.З., Исмоилова Ф.Қ. ва Одинаева М.Ҳ. ҷавоб дод.

Пас аз саволу ҷавоб баромади мушовири илмӣ – номзади илми филология, дотсент **Гулов Сангин Нурович** шунида шуд. Хулосаи мушовири илмӣ мусбат буд.

БАРОМАД КАРДАНД:

Дотсент Худойдодова Ш.З., номзадони илми филология Исмоилова Ф.Қ., Одинаева М.Ҳ. ва муаллими калон Зафар Мирзоён дар баромадашон оид ба мубрамии мавзуъ, навгонии илмӣ ва арзиши назарию амалии кори диссертатсионии Сафарзода М.Н. андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ баён намуда, довталабро сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) –

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ва диссертатсияи ӯро ба ҳимоя пешниҳод карданд.

Дар асоси бандҳои марбути Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Сафарзода Манучеҳри Наҷот дар мавзуи «Телевизион – омили ҳамгироии ҷамъиятӣ-сиёсӣ (дар мисоли телевизионҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод карда шавад.

2. Оид ба мубрамии мавзуъ, навгонии илмӣ, арзиши назарию амалии диссертатсияи **Сафарзода М.Н.** ва натиҷагирию дастовардҳои ӯ **хулосаи ҷаласаи кафедра** дар муҳлати муайян пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи журналистикаи
факултети филологияи тоҷик ва
журналистика, саромӯзгор Алишери А.

Котиби илмӣ:
ассистент Қурбонова С.А.